# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шодмонзода Орзу Шодмон дар мавзуи «Вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Данғара дар замони шуравӣ ва давраи истиқлол» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02–Таърихи ватанӣ). – Душанбе, 2025.**

Муҳиммияти омӯзиш ва таҳқиқи рисола дар он зоҳир меёбад, ки ба омӯзиш ва тадқиқи таърихи давраи навтарини яке аз минтақаҳои калонтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон ноҳияи Данғара равона шудааст. Диссертант оид ба рушди ноҳия дар замони Иттиҳоди Шуравӣ ва таҳаввулоти ҷиддии иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ин минтақа дар давраи соҳибистиқлолӣ маводҳои зиёдро мавриди омӯзиш қарор дода, тадқиқоти мукаммали илмиро ба анҷом расонидааст.

Дараҷаи таҳқиқоти омӯзиши мавзӯъ ба талабот мувофиқ буда, муаллиф раванди рушди ҳаёти иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғараро бо истифода аз манбаҳои боэътимод ва осори муҳаққиқони гуногун баррасӣ ва мавриди таҳлили илмӣ қарор дода, ба хулосаҳои зарурӣ омадааст.

Мақсади таҳқиқоти рисола мавриди омӯзиш қарор додани ҳаёти иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғара дар замони шуравӣ ва давраи истиқлол, баррасӣ намудани рушд ва дастовардҳои он мебошанд, ки аз тарафи муаллиф таҳлилу таҳқиқи илмии худро пайдо намудаанд.

Усули таҳқиқи рисола дар такя ба усулҳои таҳқиқоти таърихӣ, принсипи таърихият, объективона, аз таърихи раванди давраи шуравӣ ва соҳибистиқлолии Тоҷикистон, дар амал татбиқ намудани ҳадафи стратегӣ ва натиҷаи судманди он баҳри рушди ҷумҳурӣ, аз ҷумла ноҳияи Данғара аз тарафи муаллиф риоя шудааст.

Навгониҳои илмии диссертатсия дар он зоҳир мешаванд, ки то ҳанӯз бо чунин ҳаҷму номгузорӣ ва истифодаи сарчашмаву адабиёт оид ба омӯзиши ҳаёти иқтисодӣ – иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғара дар замони шуравӣ ва давраи истиқлол таҳқиқоти мукаммали илмӣ ба анҷом расонида нашудааст.

Чӣ тавре, аз тадқиқоти диссертант бар меояд, новобаста аз ин ноҳияи Данғара дар замон шуравӣ яке аз минтақаи Бухорои Шарқӣ маҳсуб ёфта, дар давраи шуравӣ ба ноҳияи пешрафта ва ба яке аз минтақаҳои муҳимми кишоварзӣ табдил ёфта, дар ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳия таҳаввулот ба амал омад. Воқеан, марҳалаи нави рушди ноҳия ба давраи соҳибистиқлолӣ рост омада, дар партави сиёсати созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар

баробари дигар минтақаҳои кишвар ноҳияи Данғара низ комилан симои худро дигар намуда, ба минтақаи калони саноатию кишоварзӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ мубаддал гардид.

Хулоса, дар рисола ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ноҳияи Данғара дар солҳои замони шуравӣ ва давраи истиқлол таҳлилу таҳқиқи илмӣ гардида, роҷеъ ба саноат, кишоварзӣ, мактабу маориф, вазъи муассисаҳои фарҳангӣ ва равшаннамоӣ – маърифатӣ ва нақши он дар баланд бардоштани ҳаёти моддию маънавии аҳолӣ маълумот дода шудааст.

Ҳамин тавр, диссертатсия дар мавзӯи «Вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии Данғара дар замони шуравӣ ва давраи истиқлол» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02–Таърихи ватанӣ) пешниҳод гардидааст, кори анҷомёфта буда дар сатҳи баланди илмӣ ба анҷом расидааст. Рисола ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он Шодмонзода Орзу Шодмон сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00-Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02–Таърихи ватанӣ) мебошад.

**Муқарриз:**
**номзади илмҳои таърих, и.в.дотсенти**
**кафедраи таърихи халқи тоҷики**
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории**
**Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ** **Ганҷакова Матлуба Ганҷаковна**

**Суроға:**734003, г. Душанбе, хиёбони Рудакӣ121, E-mail: **matlubaganjakova@mail.ru.**тел. (+992) 934 51 55 60

**Имзои номзади илмҳои таърих**
**М. Г. Ганҷаковаро тасдиқ мекунам:**

**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДДОТ ба номи С. Айнӣ** **Қодирзода Саидвалӣ**

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

15.10.2025